**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ЛОИҲАИ РУШДИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ**
**БАРНОМАИ ГРАНТҲОИ ОЗМУНӢ**

**ПЕШНИҲОДИ ПУРРА**

**РАВЗАНАИ 1: Баланд бардоштани сифати таҳсил ва мутобиқати он ба бозори меҳнат**

**Пешниҳоди якҷоя: ҲА** ☐ **Н Е** ☐

## ҚИСМИ 1. МАЪЛМОТИ ИНСТИТУТСИОНАЛӢ

| | |
|---|---|
| **Номи лоиҳа** | Ҳамгирои технологияи информатсионӣ дар раванди таълим ҳамчун омили баланд бардоштани сифати таҳсилот дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ |

**1. Маълумот дар бораи мурочиаткунанда**

| | |
|---|---|
| **Номи муассиса** | Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ |
| **Ҳолати ҳуқуқӣ, таърихи бақайдгирӣ** | Муассисаи таҳсилоти давлатӣ №0210011890, рақами бақайдгирифта 0125606, 31-уми марти соли 2008 |
| **Ҳолати гузаштан аз аккредитатсия** | Муассисаи таҳсилоти давлатӣ ИА №0000914, рақами бақайдгирифташуда №444, аз 17 июли соли 2019, 5 сол, то 17 июли соли 2024. |
| **Суроғаи ҳуқуқӣ (индекс; телефон; факс; почтаи электронӣ)** | 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 121, (+992) 372-224-13-83, info@tgpu.tj |
| **Суроғаи почитавӣ (ҳозира)** | 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 121, (+992) 372-224-13-83, info@tgpu.tj |
| **Фармоишгар (шахсе, ки аз ҷиҳати ҳуқуқӣ салоҳияти муаррифии муассисаро дорад)** | Ғаффорӣ Нуъмонҷон Усмонзода, ректор,734003, (+992) 372-224-13-83, info@tgpu.tj |
| **Менеҷери Лоиҳа (шахсе, ки масъулиятро ҷиҳати татбиқи лоиҳа ба уҳда мегирад)** | Самиев БобоҶӯраевич - профессори кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, 734003, Ҷумҳурии Точикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 121,тел: (+992) 372-224-75-28, (+992) 918-67-01-43; e-mail: samiev.veshab@maiLru |

**2. Маълумот дар бораи ҳамроҳ муроҷиаткунанда (танҳо дар сурати аризаҳои муштарак)**

| | |
|---|---|
| **Номи муассиса** | |
| **Ҳолати ҳуқуқӣ. Таърихи бақайдгирӣ** | |
| **Ҳолати гузаштан аз аккредитатсия** | |
| **Суроғаи ҳуқуқӣ (индекс; телефон; факс; почтаи электронӣ)** | |
| **Суроғаи почитавӣ (ҳозира) (агар аз суроғаи ҳуқуқӣ фарқ кунад)** | |
| **Фармоишгар (шахсе, ки аз ҷиҳати ҳуқуқӣ салоҳияти муаррифии муассисаро дорад)** | |
| **Менеҷери Лоиҳа (шахсе, ки масъулиятро ҷиҳати татбиқи лоиҳа ба ухда мегирад)** | |

**3. Давомнокии лоиҳа**

| | |
|---|---|
| Давомнокии умумии лоиҳаи пешниҳодшуда [моҳ] | 20 |

**4. Арзиши лоиҳа**

| | Сомонӣ | USD (1$=9.5tjs) |
|---|---|---|
| **Арзиши умумии лоиҳа**(100%) | 2 755 000.00 | USD (1$=9.8 tjs) |
| **Маблағи гранти дархостшуда** (97%) | 2 672 350.00 | 281 263.00 |
| **Саҳми муассиса** (3%) | 82 650.00 | 279 829.00 |

**5. Шарикӣ**

| **Номгӯи шарикон (муассиса /агентӣ)** | **Шахси масъул, вазифа** | **Масрафи ба нақшагирифта барои шарикон (сомонӣ / долл. ИМА** | **Маълумоти иртиботӣ (рақами телефон, почтаи электронӣ ва ғайра)** |
|---|---|---|---|
| Донишгоҳи Тарту, Эстония | **Олга Богданова** Шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ | 194 500,00 / 19 850,00 | тел.: +372 737 5100 **E-mail:** info@ut.ec |
| Донишгоҳи давлатии педагогии Белоруссия ба номи Максим Танка | **Клезович Ольга Валерьевна** Декани факултети идоракунӣ ва рушди касбияти омӯзгорон | 263 000,00 / 26 850,00 | **тел.:** +375 (17) 380.26.91 **E-mail:** ipk-fm@bspu.by |
| Студияи дизайнерии «Гравити Студио» | **Сулаймонов Акбар Алишерович** Директори студияи дизайнерӣ | 46 000 / 4 700,00 | тел.: +992 918 24 69 24 **E-mail:** info@gravity.tj |

**6. Иҷрои шартҳои БГО**

Мо тасдиқ мекунем, ки:

☐ **Тахсилоти олӣ розӣ аст, ки дар омӯзиши пайгирии шуғли хатмкунандагон иштирок намояд (компонент 2.1, ЛРТО).**
Донишгоҳ айни замон бо маркази ба кор таъмин кардани хатмкунандагон ҳамкорӣ дорад. Инчунин тавассути сайти расмии донишгоҳ www.tgpu.tj бо сайти расмии ташкилоти мазкур (акс замима карда шудааст) интиқоли маълумот бароҳ монда шудааст.

☐ **Дар донишгохи олӣ куттии махфи барои донишҷӯён бояд ташкил шавад, то ки оид ба рафторхои ғайриқонуние, ки бе мучозот мемонанд, хабар диханд.**
Дар донишгоҳ, хусусан дар ҳар як факултет қутиҳои махсус барои донишҷӯён ташкил карда шудааст, ки пешниҳоду тавсияҳои анонимии худро оид ба рафтори ғайриахлоқӣ бе ошкор кардани ному насаб ба роҳбарият дастрас менамоянд., ки мунтазам натиҷагирӣ карда мешаванд (расмҳо замима карда мешаванд).

☐ **Лоиҳаи пешниҳодшуда бо истифода аз Нақшаи Стратегии Рушди тахсилоти оли (НСР) алоқаманд аст.**
Барномаи стратегии рушди донишгоҳ замима карда мешавад.

☐ **Лоиҳаи пешниҳодшуда шарикиро дар бар мегирад (яъне, лоиҳа бо шарикон амалӣ карда мешавад).**

## ҚИСМИ 2. МАЪЛУМОТИ МУШАХХАСИ ЛОИҲА

### А. Шарҳи мухтасари лоиҳа

**1. масъалаи асосие (асоснок), ки лоиҳа ҳал менамояд**

Имрӯз дар тамоми ҷомеаҳои башарӣ таҳсилот ва раванди технологиякунонӣ бо якдигар ҳамбастагӣ доранд ва вобаста ба замон дар ҳоли рушд мебошанд. Аз ин рӯ, модернизатсияи низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ташкили раванди таълимро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, дар доираи ҳамгироӣ бо технологияи информатсионӣ-иртиботӣ тақозо мекунад. Дар робита бо ин вазифаи ниҳоят муҳими такмили низоми таҳсилоти олӣ – ин ҷорикунӣ ё татбиқи воситаҳои муосири техникӣ, захираҳои электронӣ, технологияи таҳияи тест ва шакли таҳсилоти фосилавӣ дар раванди таълим, ташкил медиҳад.

Имрӯз дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон дар 14 факултет аз рӯи 72 ихтисос мутахассисон тайёр мекунанд. Беш аз 18000 донишҷӯён дар шаклҳои таҳсилоти рӯзона, ғоибона ва фосилавӣ ба таълим фаро гирифта шудаанд. Дар тӯли 88 соли фаъолият ҳамчун муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки омӯзгорони оянда ро тарбия мекунад донишгоҳ ба муваффақиятҳои назаррас дар самти баланд бардоштани сифати таҳсилот ва татбиқи усулҳои нави таълим ноил гардид. Ҳамзамон аз тарафи ҳайати профессорону омӯзгорон ҳаҷми зиёди маводи таълимӣ, таълимӣ-методӣ таҳия карда шуданд.

Аммо бо вуҷуди муваффақиятҳо ҳанӯз ҳам **камбудиҳои зиёде** дар соҳаи татбиқ ва истифодабарии технологияи информатсионӣ дар раванди таълими муассиса, дастрасии маводи таълимӣ, мавҷуд набудани маркази ягонаи захираи маълумот ва портал, омода набудани омӯзгорон ба технологияи рақамӣ, норасоии навпардозиҳо

ҷиҳати таҳияи навъҳои нави тест ва истифодаи онҳо дар низоми электронӣ ва ғайра мавҷуд мебошад. Омилҳои дар боло зикршуда воқеан ба паст рафтани сифати таҳсилот ва вобаста ба талаботи қарни XXI ташаккул наёфтани касбияти ҳайати омӯзгорон бетаъсир намебошанд.

**Асосҳо барои лоиҳа.** Омилҳои фавқуззикр моро водор карданд, ки лоиҳаи мазкурро ба таври зайл амалӣ намоем:

а) вазифаҳои дар рафти амалинамоии лоиҳа иҷрошаванда ба бандҳои нақшаи стратегии рушди муассиса дар соҳаи автоматикунонии раванди таълим, таҳияи навъҳои нави тестҳо, омӯзонидани ҳайати омӯзгорон дар ин самт, ташкил ва такмил додани захираҳои электронӣ.

б) Лоиҳа талаботи раванди таълими муассисаро дар самти амалинамоии раванди Боллонӣ ба ҳисоб мегирад.

в) Лоиҳа кули ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯён, ҳамчунин раванди таълимро дар маҷмӯъ фаро мегирад.

## 2. ҳадафи асосии лоиҳа

**Мақсади асосии лоиҳа.** Баланд бардоштани сифати таҳсилот бо воситаи ҳамгироии технологияи информатсионӣ-иртиботӣ дар раванди таълим

**Вазифаҳо/ҳадафҳои мушаххаси лоиҳа**

1. Таъсис додани пойгоҳи ягонаи электронӣ (портали таҳсилотӣ) бо мақсади дастрасии маводи таълимӣ, таълимӣ-методӣ.
2. Коркарди сохтор, мазмун ва принсипҳои кори идоракунии низоми электронӣ-информатсионӣ ва мониторинги раванди таълим.
3. Коркард кардани шаклҳои нави тестҳо мувофиқба модули қабули имтиҳонот ва баланд бардоштани навпардозиҳои ҳайати омӯзгорон дар ин самт.

## 3. ҷузъҳои асосии лоиҳа, ки ҳадафи ҳар як ҷузъиёт, фаъолияти пешбинигардида ва буҷетҳои арзёбишударо тасвир менамояд

**Компоненти 1.** «Таъсис додани портали ягонаи таҳсилотӣ» (**80 000,00 USD** муайян карда шуд). Мақсади қисмати мазкур таъсиси пойгоҳи ягонаи электорнӣ (портали таҳсилотӣ) бо мақсади дастрасии маводи таълимӣ, таълимӣ-методӣ, ҳамзамон баланд бардоштани навовариҳои корӣ бо чунин навъи захираҳои электронӣ. Компоненти мазкур **се чорабинии** бо ҳамдигар иртиботдоро дарбар мегирад: омӯзиш ва ҷамъбаст намудани таҷрибаи мавҷуда барои минбаъд ташаккул додани сохтори портал; дар асоси модели таҳияшуда, омода намудани интерфейси портали таълимӣ; баргузор намудани тренингҳо бо мақсади ҷорӣ намудани модули мазкур ва такмил додани малакаҳо дар ин соҳа.

**Компоненти 2.** «Коркарди сохтор, мазмун ва принсипҳои кори барномаи идоракунии электронӣ-информатсионӣ ва мониторинги раванди таълим» (**70 000,00 USD** муайян карда шудааст). Мақсади ин компонент коркарди системаҳои автоматикунонидашудаи раванди таълими ба фаъолияти муассисаи таълимии олии касбӣ мувофиқ ба шумор меравад, ки дар доираи он ташакули муҳити ягонаи таълимӣ дар байни омӯзгор ва донишҷӯ дар назар дошта мешавад. Компоненти мазкур се чорабинии пайдарҳамро фаро мегирад: омӯзиши таҷрибаи пешқадам ва системаҳои идоракунии таълимии мавҷуда; коркарди барномаҳо дар заминаи платформаҳои муосир; амалӣ намудани шакли пилотии низомҳои идоракунии таълим(НИТ) дар заминаи ду факултет.

**Компоненти 3.** «Баланд бардоштани маҳорату малакаи таҳияи навъҳои нави тестҳо» (**100 000,00 USD** муайян карда шудааст).

Мақсади ин компонент коркарди шаклҳои нави тест ва баланд бардоштани маҳорату малакаи ҳайати омӯзгорӣ дар самти таҳияи тестҳо мебошад. Компонети мазкур се чорабинии ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад: омӯзиш ва муайян

намудани нуқсонҳои мавҷуда дар ҷараёни таҳияи тестҳо; ташкил ва гузаронидани тренингҳо барои ҳайати омӯзгорӣ дар соҳаи методикаи таҳияи тестҳо; татбиқи пилотии шаклиҳои нави тестҳо ва ҷорӣ намудани онҳо дар раванди таълим.

**4. механизмҳои инноватсионӣ ва татбиқ, ки дар лоиҳа истифода мешаванд**

Дар низоми таълими муассисаҳои таълимии олии касбӣ бисёр равандҳое ба назар мерасанд, ки бо истифода аз усулҳои анъанавӣ ва тағйиру такмил додани ин равандҳо тавассути технологияҳои иттилоотии муосир сурат мегиранд. Ҷорӣ намудани технологияҳои информатсионӣ дар раванди таълим, дастрасии маводи таълим ба воситаи захираҳои электронӣ, ки раванди таҳсилоти МТОК хусусияти инноватсионӣ доранд. Ҳамчунин зимни ҷорӣ намудани НИТ бисёр зерсохторҳои донишгоҳ дар базаи иттилоотии ягона ва системаҳое, ки барои сарфаи вақт ва баланд бардоштани сифати фаъолият мусоидат мекунанд, муттаҳид карда мешаванд. Иштирок дар машғулиятҳои таълимӣ ва китобхона, сайъу кӯшиш, натиҷаҳои имтиҳонҳои супоридашуда ва корҳои курсӣ, фаъолият дар факултет маълумотҳо доир ба чунини шаклҳои фаъолият дар як база ҷамъоварӣ карда мешавад ва НИТ метавонад салоҳиятҳои касбӣ ва ьавсияҳои зарурииро барои донишҷӯ ташаккул диҳад.

**5. натиҷаҳои интизорӣ, ҷамъбаст ва таъсирнокӣ**

Дар рафти татбиқи лоиҳа ба даст овардани чунин натиҷаҳо пешбинӣ мешаванд:

- малакаи ҳайати омӯзгорӣ дар доираи истифодаи ТИК дар раванди таҳсил баланд бардошта мешавад;
- маводи таълимӣ ва таълимию методӣ ба донишҷӯён дастрас гардонида мешаванд;
- базаи ягонаи иттилоотӣ барои коркарди минбаъдаи натиҷаҳо дар соҳаи таълим ба вуҷуд меояд;
- муҳити ягонаи иттилоотӣ дар байни омӯзгор ва донишҷӯ пайдо мешавад;
- малакаи ҳайати омӯзгорӣ дар ҷодаи таҳияи шаклҳои навӣ тестгузаронӣ баланд мегардад;
- зимни истифодаи НИТ барои беҳтар гардидани мониторинги сифати таълим имконият пайдо мешавад;
- имкониятҳои гирифтани ҳисоботҳои оморӣ дар раванди таълим бо истифодаи НИТ беҳтар мегардад;
- харҷи камтари вақт барои муайян намудани натиҷаҳои таълим дар нимсола соли таҳсил;
- иқтидори техникии донишгоҳ беҳтар мешавад.

**6. иқтидори институтсионалӣ барои татбиқи лоиҳаи пешниҳодшуда**

Ин лоиҳа дар рафти иҷрои се қисмати бо ҳам алоқаманд амалӣ мегардад, ки ба навгоникунонӣ ва мутобиқати низоми идоракунии таълим (НИТ) ба бозори ҷаҳонӣ равона карда мебошад.

Компоненти 1-ум «Таъсис додани портали ягонаи таҳсилотӣ» мебошад. Дар ДДОТ китобхона дорои адабиётҳои зиёде мебошад, аммо нусхаи электронии онҳо муттамарказ нагардонида шудааст. Донишҷӯёни шуъбаи фосилавӣ бошанд, ба қисмати зиёди онҳо дастрасӣ надоранд. Барои амалигардонии компоненти 1-ум кормандони китобхона ва шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ новобаста иштирокчиёни гурӯҳи корӣ мебошанд. Дастгирии асосӣ аз ҷониби шарики маҳалӣ “Гравити Студио” расонида мешавад.Ширкати мазкур алакай дар таҳияи порталҳо ва мамбаҳои электронӣ таҷрибаи ғагӣ доранд.

Компоненти 2-юм «Коркарди сохтор, мазмун ва принсипҳои кори барномаи идоракунии электронӣ-информатсионӣ ва мониторинги раванди таълим» мебошад. Раёсати таълим муштарак бо шуъбаи бақадгирӣ ва машваратӣ алакай аз 2015 бо таври таҷрибавӣ ба автоматикунонии низоми идоракунии таълим шурӯъ намуданд.

Дар ин марҳила қувва ва маблағҳои зиёде сарфа гардидаанд. Аммо бе дастгирии шарикони хориҷи кишвар дар сатҳи зарурӣ қарор нагирифт.Дар қисмати 2ғюми компоненти лоиҳа сафарҳои омӯзиши ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Белоруссия ба номи М. Танка пешбинӣ шудаанд. Ҳамчунин ташрифи мутахассисони донишгоҳи мазкур ба донишгоҳи омӯзгорӣ дар назар аст.

Компоненти 3-юм «Баланд бардоштани маҳорату малакаи таҳияи навъҳои нави тестҳо» дар заминаи таҷрибаи оғознамудаи маркази тестии ДДОТ сурат мегирад. Дар соли 2017 донишгоҳ таҳияи саволномаи тестии шакли навро ба нақша гирифт. Маҳз бо ин мақсад маркази тестӣ дар донишгоҳ ташкил карда шуд. Дар айни ҳол алакай чанд нимсола ба таври озмоиҳи сатҳи саводи донишҷӯун бо ёрии шаклҳои нави саволнома санҷида мешавад. Аммо бисёре аз саволномаҳо аз шабаи Интернет гирифта шуда, мантиқан ва мазмунан ғалат мебошанд. Дар ин қисмат шираки хориҷӣ донишгоҳ ин Донишгоҳи Тартуи Эстония мебошад. Сафарҳои озмоиши ба ин донишгох ва ташрифи мутахассисон аз Эстония ба ТГПУ дар назар аст.

### 7. маблағгузорӣ ва мӯҳлати лоиҳа

Маблағи умумии лоиҳаи пешниҳодшуда **2 755 000,00** сомонӣ (**290 000,00** доллари амрикоӣ)-ро ташкил медиҳад. Маблағи гранти пурсидашаванда **2 672 350,00** сомонӣ (**281 000,00** доллари амрикоӣ) – ро ташкил дода, саҳми донишгоҳ дар лоиҳа **82 650,00** сомонӣ (**9 000,00** доллари амрикоӣ) мебошад. Лоиҳа аз лаҳзаи гузоштани имзои ҳамкорӣ дар муҳлати 20 моҳ амалӣ карда мешавад. Фаъолияти молиявиро сармуҳосиби донишгоҳ бо машварат ва дастгирии бахши молиявии донишгоҳ ба танзим медарорад. Харидорӣ дар доираи Оиннома ва тартиби харид ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад.

Муфассалтар ба нигаред ба замимаи №1 (буҷаи лоиҳа).

### 8. устуворӣ ва чӣ гуна донишгоҳ метавонад натиҷаҳои ба даст омадаи лоиҳаро дастгирӣ кунад

Баъди анҷоми муҳлати лоиҳа донишгоҳ таҷрибаи андӯхтаро дастгирӣ, мавриди истифода ва таблиғ қарор медиҳад.

Портали ягонаи электронӣ ҳамчун майдони ҷамъ ва захираи мавод, мубоҳиса ва музокира қарор мегирад ва муаллифон метавонанд меҳнати худро тақсим кунанд. Хизматрасонии маводи техникӣ (барнома ва сервер) баъди анҷоми лоиҳа аз тарафи донишгоҳ таъмин карда мешавад.

Барномаи электронӣ-информатсионӣ барои фаъолияти шуъбаи бақайдгирӣ ва машваратӣ ва шуъбаи мониторинги сифати таҳсилот ҳамчун асос ба ҳисоб меравад. Модулҳои барномаи мазкур бо тавсия ва пешниҳодҳои мутахассисони ин ду шуъба бо ҳавасмандии молиявӣ ва дастгирии техникии донишгоҳ такмил дода мешавад.

Таҳияи нави тестҳо дар асоси истифодабарии тестҳои якҷоя ва назорати фосилавӣ ва ҷамъбастии онҳо аз тарафи маркази тестӣ ва қисми таълими донишгоҳ дастгирӣ ва ба роҳ монда мешавад.

Ҳама гуна ҷиҳозонидан бо воситаҳои техникиро шуъбаи таъминоти техникии донишгоҳ амалӣ мекунад.

### Б. Мавзӯи институтсионалӣ: вобаста ба Нақшаи Стратегии Рушд (НСР)

Барномаи стратегии рушди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои солҳои 2014-2019 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст.

Дар доираи тағйироту дигаргуниҳо ва ислоҳоте, ки дар соҳаи маориф ба вуқӯъ пайвастаанд, имрӯз сифати таълиму тарбияи омӯзгорони оянда дар факултетҳои Донишгоҳ беҳбудӣ мехоҳад. Дар ин замина дар Барнома пешниҳод мешавад, ки:

- сатҳи донишандӯзии шогирдон сифатан тағйир дода шавад;

-барои ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилот заминаи моддию техникӣ фароҳам оварда шавад;

-дар баробари кадрҳои омӯзгорӣ тайёр намудани мутахассисони илмӣ вобаста ба ихтисосҳое, ки ба талаботи имрӯзаи бозори меҳнат ҷавобгӯ намебошанд, ба роҳ монда шавад;

-ҷалб намудани мутахассисони собиқадор ва соҳибунвони Донишгоҳ ба навиштани китобҳои дарсӣ, дастурҳои илмию методӣ ва комплексҳои таълимию методӣ бештар гардад;

-компютерикунонии тамоми зерсохторҳои Донишгоҳ ва дар заминаи он ташкил намудани Маркази ягонаи идоракунӣ, қабул ва интиқоли иттилоот пурра ба анҷом расонида шавад;

-тавассути ташкил ва гузаронидани семинарҳои таълимӣ, илмию методӣ, мизҳои мудаввар ва конференсияҳо сатҳи дониши техникию технологии омӯзгорону донишҷӯён баланд бардошта шавад;

- ба шабакаи интернет пайвастани ҳамаи кафедраву факултетҳо пурра ба анҷом расонида шавад;

-фаъолияти курси бозомӯзии илмӣ ва такмили ихтисоси муҳаққиқону омӯзгоронро тақвият додан лозим аст;

- дар назди кафедраҳои факултетҳои равияи табиатшиносӣ озмоишгоҳҳои замонавӣ таъсис дода, онҳо бо маводу таҷҳизот, реактивҳо, моддаҳо ва воситаҳои навини технологӣ мутобиқи талаботи Барнома таъмин карда шаванд;

- тарбияи кадрҳои илмию омӯзгорӣ дар муассисаҳои илмӣ, таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷӣ ва ғайра самаранок ба роҳ монда шавад.

Ҳамзамон амалинамоии Барномаи мазкур дар тайёр кардани мутахассисони баландихтисоси ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат, такмил ва таҳким бахшидани пояи моддию техникии биноҳои таълимӣ, синфхонаҳои дарсӣ, кабинетҳо, ва озмоишгоҳҳо бо асбобу воситаҳои навини технологӣ, барқарор ва тақвият додани ҳамкориҳо бо донишгоҳҳои хориҷи кишвар, бастани шартномаҳои тарафайн ҷиҳати тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва омӯзгорӣ ёрии бевосита мерасонад.

Чи тавре ки аз НСР дида мешавад, ки компонентҳои лоиҳа, мақсад ва вазифва вобаста ба барномаи мазкур таҳия шудаанд.

Барномаи стратегии рушди донишгоҳ замима мегардад.

### В. Тавсифи муфассали лоиҳа

### 1. Ҳалли мушкилоти асосӣ, ки лоиҳа ҳал меномояд

Низоми таҳсилот масъалаҳои муҳими рушди фарҳангӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеаро ҳал мекунад, бо ин мақсад муассисаи таълимии дилхоҳ инсонро ба зиндагии фаъолона дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа омода месозад. Бинобар ин омили асосии фаъолияти муваффақонаи муассисаи таълимӣ ташкили дурусти раванди таълим ба ҳисоб меравад. Технологияҳои муосири иттилоотӣ имкониятҳои васеъро дар ташкил ва идоракунии раванди таълим доро мебошанд. Дар шароити кунунӣ автоматикунонии раванди таълим қисми ҷудонашавандаи фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, ки ҳуқуқи муассисаи худро пешқадам номидан доранд, ба ҳисоб меравaнд.

Мақсади раванди таҳсил дар донишгоҳ тайёр намудани мутахассисони дорои касбияти зарурӣ, яъне омода намудани муаллимоне, ки дар заминаи Стандарти давлатии таҳсилот ва ба ҳисоб гирифтани талаботи бозори меҳнат ба шумор меравад. Барои расидан ба ин дастовард ва мақсади дар пеш истода зарур аст, ки дар навбати аввал масъалаи идоракунии раванди таълим дар ДДОТ омӯхта шавад ва хусусиятҳои он муайян карда шаванд.

Дар робита ба муносибати анъанавӣ ба ташкили раванди таълим як қатор мушкилот ҷой дорад:

- донишҷӯён бо маводи гуногуни таълим (лексияҳо, китобҳои дарсӣ, КТМ ва ғайра) таъмин карда шаванд. Дар шакли чопӣ пешниҳод намудани мавод самранок нест, зеро ки маводи таълим ҳаҷман калон буда, зарурати ба он ворид намудани навгониҳо ҷой дорад;

- набудани шакли автоматикунонидашудаи санҷиши супоришҳои иҷрошуда;

- набудани шакли тафтиши автоматикунонидашудаи донишҳо;

- набудани низоми худназоратии донишҳои ҳосилнамудаи донишҷӯ (донишҷӯ бе иштироки омӯзгор худашро пурра санҷида ва назорат карда наметавонад);

- барои иҷрои корҳои фардӣ ба омӯзгору донишҷӯ вақти кам ҷудо карда шудааст, аз ин рӯ, зарурати ба таври фардӣ иҷро намудани супоришҳо бештар самаранок мебошад.

Айни замон барои ҳалли проблемаҳои зикршуда бисёр МТОК-и ватанию хориҷӣ низомҳои иттилоотии дастгирии раванди таълимро ҷорӣ мекунанд. Ин иқдом имконият медиҳад, ки теъдоди зиёди рвандҳои дохилӣ сабук, содда ва автоматӣ кунонида шаванд, ки он барои баланд гардидани самаранокии корҳои дар сохтору зерсохторҳои қисми таълими ДДОТ имконият медиҳад. Пӯшида нест, ки раванди гузариш ба истифодаи низомҳои идоракунии таҳсил вақти зиёдеро талаб мекунад ва дар татбиқи он як қатор мушкилот ҷой дорад, ки онҳоро ба гурӯҳҳои зерин тақсимбандӣ кардан мумкин аст:

1. Мушкилоти техникӣ – масъалаҳое, ки бо омода намудани инфрстуктураҳои зарурӣ, конфигуратсияи низомҳо, дастгирии техникӣ ва амалӣ намудани онҳои марбутанд.

2. Масъалаҳое, ки бо татбиқи низомҳои қабулшудаи иттилоотӣ дар раванди таълими донишгоҳ алоқаманданд.

3. Масъалаҳое, ки бо омилҳои инсонӣ-касбияти пасти ҳайати омӯзгорону донишҷӯён дар раванди истифодабарии низомҳои иттилоотӣ ва хоҳиш надоштани сарфи зиёди вақт ва неру ба ташкили фаъолият дар ситема вобастагӣ доранд.

Лоиҳаи мо «Ҳамгироии технологияи информатсионӣ дар раванди таълим ҳамчун омили баланд бардоштани сифати таҳсилот дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» унвон гирифта, барои ҳалли мушкилоти дар самти мавҷуда ҷойдошта равона гардидааст. ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ алакай дар ҷодаи татбиқи равандҳои зикршудаи ҳамгирои ТИК ва муҳити таълимии донишгоҳ қадамҳои нахустин гузошта аст. Бояд зикр намуд, ки равандҳои зикршуда ба осонӣ амалӣ намегарданд ва дар ин самт машварат ва дастгирии ташхисгарони байналмиллалии МТОК-ҳои пешқадам зарур мебошанд.

Аз ин бармеояд, ки дар рафти татбиқи ин лоиҳа ду донишгоҳи пешқадам иштирок менамоянд, ки ҷалби онҳо хеле муҳим мебошад.

Дар рафти татбиқи лоиҳа ва ба анҷом расонидани чорабиниҳое, ки иҷрои се компанентро таъмин менамоянд, натиҷаҳои зерин пешбинӣ мешаванд:

1.Портали электронии ягона (портали таълимӣ) бо категорияҳои зиёд ва номгӯи маводи таълимӣ, таълимию методӣ ҷорӣ карда мешавад. Портал метавонад ба сифати майдони баҳс ҷиҳати муҳокима, гуфтугӯ, мубоҳиса ва табодули таҷриба дар байни донишҷӯён ва мутахассисони соҳаи мазкур истифода бурда шавад. Ҳамчунин пас аз хатми МТОК барои донишҷӯёни хатмкунанда маводҳои таълимии навини мутаалиқ ба соҳаи ихтисос дастрас бошад. Маҳорат ва малакаи ҳайати омӯзгорӣ дар самти истифодаи захираҳои электронӣ баланд бардошта мешавад.

2.Дар рафти иҷрои компоненти 2-юми лоиҳа маҳорат ва малакаи фаъолияти омӯзгорону донишҷӯён дар муҳити электронӣ-иттилоотӣ баланд бардошта мешавад, сохтори самти таълим метавонад мониторинги электронӣ доир ба маводи азхудшуда ва кӯшишу ғайрати донишҷӯён баргузор намояд ва донишҷӯён дар навбати худ дастовардҳова комёбиҳои таълимии худро дар раванди таълим назорат менамоянд ва фаъолияти минбаъдаашонро ба нақша мегиранд. Инчунин дар донишгоҳ барномаи автоматикунонидашудаи раванди таълим (платформа) амалӣ карда мешавад, ки бо ёрии он омӯзгорон метавонанд фаъолияти ҳар як донишҷӯи худро баҳогузорӣ намоянд. Платформа бо мониториг ва ҳисоботи оморӣи автоматикунонидашуда муҷаҳҳаз гардонида мешавад, ки он ба сифати ҳамчун воситаи назорати сифат ба кор рафта, ҷиҳати баланд бардоштани сифати таҳсилот мусоидат менамояд.

3.Самаранокии иҷрои тестҳо дар раванди таълим дар донишгоҳ беҳтар мегардад. Шаклҳои мухталифи тест кор карда мешавад. Лоиҳа омода намудани мутахассисонро дар ҷодаи таҳияи тестҳо омода месозад, ки онҳо минбаъд пурра ҳайати омӯзгории донишгоҳро дар ин соҳа таълим медиҳанд. Донишҷӯён – омӯзгорони оянда дар татбиқи ин қабил тестҳо фаъолона иштирок мекунанд ва минбаъд зимни фаъолияти касбӣ аз онҳо истифода мебаранд.

**Натиҷаҳои кӯтоҳмуҳлат**

Дар давраи татбиқи лоиҳа бисёр масъалаҳои гузошташудаи ҳар се компонент натиҷаҳои муҳим нишон хоҳанд дод. Гурӯҳҳои мақсадноке, ки дар амалӣ намудани лоиҳа иштирок

мекунанд онҳо низ малакаҳои худро дар самти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар таҳсилот балан мебардоранд. Шаклҳои нав ба нави тест коркард мешавад. Теъдод ва ҳаҷми хеле зиёди маводи таълимӣ ва таълимӣ-методӣ дар шакли электронӣ ҷамъоварӣ карда мешавад.

**Натиҷаҳои дарозмуҳлат**

Пас аз анҷоми муҳлати татбиқи лоиҳа портали ягонаи таълимӣ, ки бо дастгирии техникии мутахассисони мо омода гардидаанд, низоми идоракунии таълим бо роҳнамо ва принсипҳои истифодабарӣ, шаклҳои нави тест, бонки тестҳо, модули электронии тестгузаронӣ дар ихтиёри донишгоҳ гузошта мешаванд.

**2. Шарҳи консепсияи умумии лоиҳа**

Лоиҳаи мо аз як қатор чорабиниҳое, иборат аст, ки барои беҳтар намудани фаъолияти маъмурии ҳайати кормандони техникӣ ва омӯзгорону равона карда шудааст. Модели ADKAR оид ба ташкил намудани тағйирот вуҷуд дорад. Модели ADKAR ин калимаҳоест, ки панҷ омилро барои самаранокии ташкил намудани тағйирот муттаҳид менамояд. A - Awareness - Огоҳӣ - огоҳ будан дар бораи зарурати тағйирот. Тағйироти таъсирбахш метавонад танҳо дар ҳолатҳое бошад, ки кормандон зарурати онро дарк намоянд. D - Desire – Дархост- дархости татбиқи тағйироти ба нақша гирифта. Танҳо дарк кардани эҳтиёҷот барои оғози тағйирот кофӣ нест. Барои расидан ба ин ҳадаф инчуни майлу рағбат низ зарур аст. K – Knowledge - Дониш - доштани дониш барои амалишавии татбиқи тағйирот зарур аст. Ҳар гуна тағйирот мавҷудияти донишҳои муайяни (технологияи) амалигардонии онҳоро талаб мекунад. Дар натиҷа ҳар гуна тағйирот омӯзишро талаб мекунад. A- Ability - Қобилият -қобилияти татбиқи тағйироти технологияҳои пешбинишуда. Танҳо дониш барои татбиқи технология кофӣ нест, инчунин бояд дорои қобилиятҳои мувофиқ будан лозим аст. Масалан, шумо бояд қобилияте дошта бошед, ки муносибати шахсии шуморо бартараф намояд. R- Reinforcement - Тақвият – зарурати тақвияти амал. Ин тағйиротҳо бояд дар сохтори донишгоҳ манфиатовар бошад.

Муаррифии НИД дар системаи таълимии донишгоҳ аз тағйирёбии одамон оғоз меёбад, на бо харидории технология. Равандҳо аввалиндараҷа ва технологияҳо дуюминдараҷа мебошанд. Истифодаи НИД ба раванди таълим бе истифодаи ТИК ғайримикон аст. Яке аз роҳ ё дигар, аммо истифодаи LMS дар раванди омӯзиш ҳанӯз бе истифодаи технологияи AI-TI ғайриимкон аст. Барои он ки ҷараёни таълим дар НИД самарабахш ва натиҷаовар бошад, ҳамаи равандҳо бояд ба нақша гирифта шуда, ба қадри имкон ба равандҳои мавҷуда наздик карда шаванд.

Баъди баҳо додани омилҳои зикршуда, сохтори лоиҳа як қатор машваратҳо ва тренингҳо бо мутахассисони ватаниву хориҷӣ дорад. Дар асоси факултетҳои пилотӣ, натиҷа дар муқоиса бо дигар факултетҳо дар соҳаи омӯхтани мавод ва самаранокӣ нишон дода мешавад. Баъди анҷом НИД ва портал дар тамоми донишгоҳ пурра амалӣ мегардад.

**3. Нақшаи муфассал оид ба коркарди қисмҳои лоиҳа**

**Компоненти 1.** «Таъсис додани портали ягонаи таҳсилотӣ» (**80 000,00 USD** муайян карда шуд). Мақсади ин компонент таъсиси пойгоҳи ягонаи электорнӣ (портали таҳсилотӣ) бо мақсади дастрасии маводи таълимӣ, таълимӣ-методӣ, ҳамзамон баланд бардоштани нававариҳои корӣ бо чунин навъи захираҳои электронӣ. Компоненти мазкур **се чорабинии** бо ҳамдигар иртиботдоро дарбар мегирад:

1.Омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи мавҷуда барои ташаккули минбаъдаи и сохтори портал;

2.Дар асоси модели таҳияшуда, омода намудани интерфейси портали таълимӣ;

3.Омода намудани ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯён дар соҳаи истифодаи самараноки

портали ягонаи таълимӣ.

Дар доираи **чорабинии якум** гурӯҳи корӣ таъсиси дода мешавад, ки мақсади он омӯзиши адабиёти психологӣ-педагогӣ, сотсиологӣ, илмӣ-методӣ ва таҳлили маводҳои мавҷудаи электронии таълим, таълимию методӣ ба ҳисоб меравад, инчунин омӯзиши сарчашмаҳои интернетӣ, ки бо предмети таҳқиқ алоқамананд, барои муайян намудани сохтор, мазмун ва принсипҳои кори портали ягонаи таълимӣ мусоидат менамоянд. Барои гурӯҳи корӣ машваратчиён, мутахассисон аз ҳисоби кормандони китобхона, омӯзгорони кафедраҳо ва мутахассисон аз муассисаҳои шарик ҷалб карда мешаванд. Гурӯҳҳои мақсаднок доир ба мазмуни портал, категорияҳои он, усули ҷамъоварии мавод ва коркардат мавод дар портал фаъолият менамоянд. Дар рафти чорабинӣ ду шакли пурсиш гузаронида мешавад барои омӯзгорон ва барои донишҷӯён оид ба мундариҷа ва сохтори портал. Дар ҷамъбасти ин чорабинӣ модели пурмазмуни портали таълимӣ сохта мешавад.

Дар **чорабинии дуюм** лоиҳаи техникию корӣ амалӣ гардонида мешавад, интерфейси портали таҳсилотӣ бо дастгирии гаджетҳои муосир ва браузерҳо рӯи кор меоянд. Ҳамчунин дар доираи ин чорабинӣ харидорӣ ва насби сервер ва таҷҳизотҳои он дар назар дошта шудааст. Сервер ва таҷҳизоти он барои насби НИТ ва ҳифзи маълумотҳо, ки минбаъд дар доираи компоненти дуюм ва сеюм муқаррар гардидааст ба сифати майдон хизмат менамояд. Барои ин чорабинӣ шарики ватанӣ аз «Гравити студио» бо мақсади коркарди рамзҳо ва портали интерфейс аз рӯи технологияи 1С-Битрик дар заминаи модели чорабинии аввал сохта шуда ҷалб карда мешавад.

Дар **чорабинии сеюм** силсилаи тренингҳо бо мақсади баланд бардоштани навҷӯиҳои корӣ ва истифодаи самараноки портали ягонаи таҳсилотӣ ва дигар порталҳои шабеҳ ба портали мазкур амалӣ карда мешаванд. Аз ҷониби коркардкунандагон ва гурӯҳи корӣ ба таълимгирандагон тренингҳо барои азбар кардани портал баргузор карда мешаванд. Дар гурӯҳҳои мақсаднок омӯзгорон, комитети донишҷӯён, кормандони китобхона ва кормандони шуъбаи таъминоти техникии муассиса таъсир мерасонанд. Ғайр аз ин дар рафти тренингҳо видеоролики «Сайр дар портал» барои тамошои омӯзгорон, хатмкунандагон ва дохилшавандагон омода карда мешавад.

Дар интиҳои чорабиниҳои ин компонент ҳисобот оид ба корҳои банҷомрасида таҳия мегардад. Хамчунин ба роҳбарияти донишгоҳ ҷиҳати татбиқи портали таҳсилотӣ ва усулҳои истифодабарии он барои кормандони ҳамаи сохторҳо чун заминаи методию иттилоотӣ роҳнамо таҳия карда мешавад. Портали мазкур барои беҳтар гардидани маҳорату малакаи омӯзгорону донишҷӯён дар соҳаи истифода аз захираҳои электронӣ чун воситаи муфид хизмат менамояд.

**Компоненти 2.** «Коркарди сохтор, мазмун ва принсипҳои кори барномаи идоракунии электронӣ-информатсионӣ ва мониторинги раванди таълим (**70 000,00 USD** муайян карда шудааст). Мақсади ин компонент коркарди системаҳои автоматикунонидашудаи раванди таълими ба фаъолияти муассисаи таълимии олии касбӣ мувофиқ ба шумор меравад, ки дар доираи он ташакули муҳити ягонаи таълимӣ дар байни омӯзгор ва донишҷӯ дар назар дошта мешавад. Компоненти мазкур се чорабинии пайдарҳамро фаро мегирад:

1.Омӯзиши таҷрибаи пешқадам ва системаҳои идоракунии таълимии мавҷуда (Learning management sistem) ва наиҷамандии инҳо бо мақсади муайян намудани сохтор ва принсипҳои кори ин қабил низомҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

2.Дар асоси модели омодашуда бахши барномавии низомҳои автоматикунонидашудаи идоракунии раванди таълим коркард мешаванд;

3.Амалӣ намудани шакли пилотии низомҳои идоракунии таълим (НИТ) дар заминаи ду факултет, бо мақсади минбаъд ба таври оммавӣ ба истифода додани он.

Дар доираи **чорабинии якум** грӯҳи корӣ бо мақсади омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи пешқадам дар доираи низомҳои идоракунии таҳсил таъисис дода мешавад. Дар компоненти мазкур ба сифати шарики хориҷӣ донишгоҳи давлатии омӯзгории Белорус ба номи М. Танк иширок мекунад. Дар робита бо ин мутахассисон аз донишгоҳи шарик барои ҳамоҳанг

сохтани фаъолияти гурӯҳи корӣ ҷалб мегарданд. Инчунин барои натиҷагирии таҷрибаи пешқадам сафари таълимӣ ба ДДПБ ба номи М. Танк барои омӯхтани НИТ дар айни замон ташкил карда мешавад. Дар ҷараёни сафар ва таҳлили сарчашмаҳо структура ва модели амалинамоии НИТ ташаккул меёбад. Ғайр аз ин дар ҷамъбасти чорабинӣ оид ба интихоби платформа барои татбиқи лоиҳа (барномаҳои Магелан, 1С-университет, Сакай ва ғайра) қарори дахлдор қабул карда мешавад. Дар доираи ин чорабинӣ дар гурӯҳи корӣ мутахассисони қисми таълим, шуъбаи бақайдгирӣ ва машварати омӯзгорони кафедраи ТИК ширкат меварзанд.

**Чорабинии дуюм** барои раванди коркард ва такмили барномарезӣ, такмили сохтори он ва татбиқи модули мазкур дар амалия, навъҳои ҳисоботҳои оморӣ барои таҳлили минбаъда равона карда мешавад. Дар заминаи ин чорабинӣ низ мутахассисон аз донишгоҳҳои шарик ва ватанӣ (студияи коркардкунандагон) ба хотири коршоямии модули барномаи мазкур ҷалб карда мешаванд. Хамаи корҳои техникӣ дар сервери насбгардидаи компоненти якум ворид карда мешаванд.

Дар **чорабинии сеюм** ду факултети донишгоҳ ба таври пилотӣ иштирок мекунанд. Факултети математика, ки дорои ихтисосҳои зерин, аз ҷумла математика-физика, математика-информатика ва информатика-забони англисӣ мебошад. Дуюм факултети забон ва адабиёти рус, ки мутахассисони самти гуманитариро омода мекунад. Пеш аз татбиқ таълимгирифтагон бо омӯзгорон ва донишҷӯёни факултетҳои пилотӣ барои азхуд кардани талаботи модули барномаи мазкур семинарҳои машваратӣ баргузор менамоянд. Дар ҷараёни баргузории семинарҳо оид ба истифодаи НИТ сохтани видеоролики «Сайре оид ба НИТ» ва муаррифии минбаъдаи платформа дар назар дошта шудааст.

Бо анҷоми марҳалаи пилотӣ ба роҳбарияти донишгоҳҷиҳати ба асос гирифтани раванди автоматикии таълим барномаи коркардкардашуда пешниҳод мегардад. Натиҷаҳои бадастоварда аз ин қисмат барои автоматикунонии раванди таълим, баргузории мониторинги электронӣ ва дастрас, баланд бардоштани маҳорату малакаи кории омӯзгорон ва донишҷӯён дар фазои электронии таълим истифода бурда мешаванд.

**Компоненти 3.** «Баланд бардоштани маҳорату малакаи таҳияи навъҳои нави тестҳо» (**100 000,00 USD** муайян карда шудааст).

Мақсади ин компонент коркарди шаклҳои нави тест ва баланд бардоштани маҳорату малакаи ҳайати омӯзгорӣ дар самти таҳияи тестҳо мебошад. Компоненти мазкур се чорабинии ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад:

1.Омӯзиш ва муайян намудани нуқсонҳои мавҷуда дар ҷараёни таҳияи тестҳо ва ислоҳи минбаъдаи онҳо;

2.Ташкил ва гузаронидани тренингҳо барои ҳайати омӯзгорон дар соҳаи методикаи таҳияи тестҳои типи нав;

3.Татбиқи пилотии шаклҳои нави тестҳо ва ҷорӣ намудани онҳо дар раванди таълим.

**Чорабинии авввал** дар худ муайян кардани вазъи истифодабарии навъҳои тестҳо ва мазмуннокии онҳо, дараҷаи фарогирии мавод ва афзалиятнокии баҳодиҳиро таҷассум менамояд. Инчунин дар доираи ин чорабинӣ гурӯҳи корӣ дар самти омӯзиши таҷрибаи пешқадами тестсозӣ дар соҳаи илмҳои педагогӣ ва баҳодиҳии объективӣ бо ёрии навъҳои нави тестҳо (тестҳои якҷояшуда) дар шаклҳои рӯзона ва фосилавии таълим таъсис дода мешавад. Барои иҷрои чорабинии мазкур мутахассисон аз донишгоҳи шарик Тарту (Эстония) барои таҳлили вазъи мавҷуда даъват карда мешаванд. Дар дораи ҳамкориҳо бо мақсади омӯзиши таҷрибаи ҳамдигар гурӯҳи корӣ ба универстиети Тарту фиристода мешавад. Донишгоҳи мазкур чанд аср аст, ки мутахассисони соҳаи омӯзгориро омода мекунад. Ҳамзамон дар гурӯҳҳои мақсаднок кормандони маркази тестӣ, мутахассисони қисми таълим, омӯзгорони таҷрибаи хуби таҳия кардани тестҳоро дошта шомил карда мешаванд. Бо анҷоми чорабинӣ модели асосии корӣ ва намунаи навъҳои нави тестҳои таҳияшуда пешниҳод мегарданд.

**Чорабинии дуюм** характери машваратӣ-информатсионӣ дорад. Дар доираи ин чорабинӣ курси баланд бардоштани тахассус дар самти таҳияи намунаи навъҳои нави тестҳо баргузор карда мешавад. Шунавандагони курс минбаъд ба сифати тренер дар ин самт ҷалб карда мешаванд. Аудиторияи мақсаднок омӯзгорони фанҳои гуногун ба ҳисоб мераванд. Инчунин дар рафти чорабинӣ Бонки супоришоти тестӣ такмил дода мешавад. Экспертҳо дар ин самт мутахассисон аз донишгоҳҳои шарик таъин мегарданд.

Дар раванди иҷрои **чорабинии сеюм** барномаи таъминнамоӣ барои коркард ва қабул, назорати фосилавӣ ва ҷамъбастӣ аз рӯи навъҳои нави тестҳо нав ва ё иваз карда мешавад. Дар доираи ин кор кормандони гуногуни маркази тестӣ, омӯзгорон ва донишҷӯёни факултетҳои пилотӣ ва ҳамчунин мутахассисони соҳаи барномарезии тестҳо ҷалб мегарданд.

Бо анҷом ёфтани қисмати низоми мазкур, методикаи таҳияи навъҳои нави тестҳо ва таъминоти барномавӣ дар раванди таълими донишгоҳ истифода бурда мешавад.

Дар вақти татбиқ намудани лоиҳа ду қисмати он мусовӣ вобаста ба замон ва муҳлат амал мекунанд.

## 4. Истифодаи таҷҳизоте, ки дар доираи лоиҳа харидорӣ мешаванд

Дар татбиқи лоиҳа ғайр аз техникаи компютерӣ ва ҳайати идоракунии грантҳо инчунин сервер барои платформаи НИТ портали таҳсилотӣ, ҳамчунин таҷҳизоте, ки барои насби сервер заруранд дастрас мешаванд.

Инчунин дар доираи фаъолияти пилотии модулҳои тестсозӣ дар НИТ маркази захиравӣ (синфхонаи компютерӣ) барои тестгузаронии донишҷӯёни гурӯҳҳои пилотӣ таъсис дода мешавад.

Барои таъмини фаъолияти пурраи гурӯҳҳои корӣ дастрас намудани ноутбукҳо, принтерҳо ва проектор барои муаррифии натиҷаҳои бадастоварда зарур аст.

## Г. Амалишавӣ

### 1. Шарикӣ

Барои татбиқи лоиҳаи мазкур се қисмат бо дастгирии шарикони маҳаливу хориҷӣ ширкат меварзанд.

Компоненти 1-ум «Таъсис додани портали ягонаи таҳсилотӣ» мебошад. Шарики ин қисмат “Гравити Студио” мебошад. Студияи мазкур ин таҷрибаи амалии таҳрезӣ ва таҳияи лоиҳаҳои интернетӣ мебошад. Студия аз рӯи технологияи 1С Битрикс ва Laravel Framework фаъолият мебарад. Ширкати мазкур бо ширкатҳои бузурги ватанӣ фаъолият намуда, дорои тақризҳои мусбӣ мебошанд. Вазифаи асосии ин студия дар қисмати 1-уми лоиҳа ин омода намудани сохтор ва қисмати таъминоти барномавии портал дар асосӣ натиҷаи фаъолияти гурӯхи корӣ, мебошад. Муфассалтар дар сомонаи www.gravity.studio

Компоненти 2-юм «Коркарди сохтор, мазмун ва принсипҳои кори барномаи идоракунии электронӣ-информатсионӣ ва мониторинги раванди таълим» мебошад. Барои ташкил намудани низоми идоракунии равандми таълими автоматӣ солҳои зиёду машаққат лозим. Барои татбиқи ин мақсад Донишгоҳи давлатии омӯзгории Белоруссия ба номи М. Танка ҳамчун шарики хориҷӣ интихоб гардид. Донишгоҳи мазкур аз соли 1914 фаъолият намуда бо мурури замон яке аз донишгоҳҳои омӯзгрии беҳтарин ба ҳисоб меравад. ДДОБ солҳои зиёд дар атрои НИТ кор ва фаъолият менамояд. Аз он сабаб ки донишгох омӯзгорӣ мебошад, интихоби он ҳамчун шарик актуалӣ мебошад. Муфассалтар дар сомонаи www.bspu.by

Компоненти 3-юм «Баланд бардоштани маҳорату малакаи таҳияи навъҳои нави тестҳо» мебошад. Шарики хориҷии қисмати зерин Донишгоҳи Тарту мебошад. Донишгоҳ соли 1632 таъсис ёфтаасит. Тарту узви созмони донишгоҳҳои Аврупо ба

ҳисоб меравад. Бинобар сабаби таҷрибаи бисёрсолаи донишгоҳ, баланд бардоштани маҳорату малакаи таҳияи супоришномаҳои тестии шакли нав, масъалаи имконпазир мебошад. Вазифаи асосии мутахассисони донишгоҳи мазкур ин машварат дар таҳияи дуруст ва бо сифати супоришномаҳои тестии шакли нав ба ҳисоб меравад. Муфассалтар дар сомонаи www.ut.ee

**2. Гурӯҳи идоракунии лоиҳа**

Роҳбари лоиҳа Самиев Б.Ҷ. Ӯ масъулияти ҳамоҳангсозии лоиҳа дар маҷмӯъро дорад. Иҷрои саривақтии чорабиниҳои дар нақшаи татбиқи лоиҳа буда, вазифадор мебошад.

Евари роҳбар – барои омода намудани ҳуҷҷатҳо барои харид, татбиқи қарордодҳо бо шарикони хориҷӣ, ташкили семинарҳо ва тренингҳо.

Мушовир – бо гуруӯҳи кории компонентҳо фъолият менамояд, ва нақшаи тадбиқи лоиҳаро ба роҳ мемонад.

Муҳосиб – вокуниш ба амалиети молиявӣ, ҳисобот ва дигар амалиётҳои бонки сарукор дорад.

Ҳамаи се боқимонда кормандони идоракунии грантӣ, дар асоси озмун ва фармоиши ректор қабул мегарданд.

**3. Сохтор ва тартиби идоракунӣ**

Дар ҷараёни татбиқи лоиҳа сохтори ташкилии зерин таъсис дода мешавад:

Ректор – ҳамчун роҳбари муассиса ҳамоҳангсозии умумии лоиҳа ва фаъолияти гурӯҳҳои кориро аз рӯи компонентҳо иҷро менамояд.

Муовини реткор оид ба корҳои таълимӣ – ҳамчун куратори бахши таълим барои пешниҳоди маълумотҳои иловагӣ ва кӯмак ба мутахассисон ҷалб карда мешавад.

Шуъбаи бақайдгирӣ ва машварат - барои пуркардани маълумотномаҳои НИТ дар доираи компоненти дуюм мутасаддӣ мебошад.

Маркази тестӣ - дар бобати татбиқи компоненти сеюм масъул буда, қабули имтиҳонҳоро аз рӯи шаклҳои нави тест ба таври пилотӣ ба роҳ мемонад.

Қисми таълим – ҳамоҳангии масъалаҳои мутобиқати равандҳои таълимро дар соҳаи автоматикунонӣ таъмин месозад.

Гурӯҳҳои кори иловагӣ ва машваратчиёни ватанию хориҷӣ тибқи нақшаи амалинамоии лоиҳа ва компонентҳои он таъсис дода мешаванд ва ҷалб мегарданд.

Идоракунии грантӣ – аз менеҷер, ёвари менеҷер ва корманди соҳаи молия иборатанд.

## Д. Фаъолият оид ба афзоиши иқтидор (тренингҳо, семинарҳо, конфронсҳо)

**Чорабиниҳои нақшавӣ ҷиҳати баланд бардоштани иқтидорҳо**

| № | Вақт | Намуи чорабинӣ | Мақсад | Афзалиятҳои умумӣ | Количество бенефициаров | Буҷҷа | Вазифи шарикн оид ба иҷрои кор |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Моҳ 5 (2020) | тренинг | Истифодабарии портали ягона | Донишҷӯён ва омӯзгорон | На кам аз 800 донишҷӯ ва 50 омӯзгор | 4000 сомонӣ | Гравити Студио |
| 2 | Моҳ 1,2 (2021) | тренинг | Истифодабарии НИТ | Донишҷӯён ва омӯзгорон | На кам аз 800 донишҷӯ ва 50 омӯзгор | 6000 сомонӣ | ДДОБ ба номи М. Танка |
| 3 | Моҳ 3,4 (2021) | тренинг | Баланд бардоштани маҳорати тестсозӣ | Донишҷӯён ва омӯзгорон | На кам аз 800 донишҷӯ ва 50 омӯзгор | 5000 сомонӣ | Донишгоҳи Тарту |

## Е. Шарҳи мувофиқаҳои фидусиарӣ бо мақсади татбиқи Грант

**1. Идоракунии молиявӣ**

Механизми амалӣ намудани хароҷоти молиявӣ мутобиқи буҷаи батасвибрасидаи лоиҳа, ки дар асоси санадҳои амалкунандаи меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастури амалиётӣ «Барномаҳои гратнии озмунҳо» ба роҳ монда мешавад.

| Арзиши лоиҳа вобаста ба категорияҳо | Сомонӣ | USD |
|---|---|---|
| Таҷҳизот | 1 068 940,00 | 109 076,00 |
| Хизматрасониҳои машваратӣ (+ шарикон) | 1 002 131,00 | 102 258,00 |
| Дигар масрафҳои қобили қабул | 601 279,00 | 61 355,00 |

Муфассалтар оид ба тақсимоти маблағ дар замимаи №1 (буҷети лоиҳа).

**2. Ташкили хариди мол ва хизматрасонӣ**

Масъулият барои харидҳо, аз рӯи усули Озмунҳои тиҷоратии байналмиллалӣ ва Озмунҳои тиҷоратии миллӣ ва барои харидории хизматрасониҳои ширкатҳо ба зиммаи ВМИҶТ ва харидориҳо бо усули шопинг ва харидории хизматрасониҳои машваратии инфиродиро грантгирандагон бо тартиби муайяни аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ тасдиқшуда амалӣ мегардонанд. Руйхат ва тартиби харид дар замимаи 1 пешниҳоди пешакӣ мебошанд, пас аз ғолиб баромадан ҷва иштирок дар семинари хотимавии озмун накшаии муфассали харид пешниҳод карда мешавад.

## Ё. Устуворӣ

1. Баъд аз анҷом ёфтани маблағгузорӣ аз ҷониби лоиҳа, донишгоҳ барои самаранок идома додани қисматҳои лоиҳа пас аз анҷом дар буҷети донишгох, маблағгузориро илова менамояд. Ҳамчунин дар таҳияи Барномаи стратегии рушди донишгоҳ барои солҳои 2020-2024, нуқтаҳои гуногунро оид ба равнақ ва татбиқи қисматҳои лоиҳаи мазкур, ҷой медиҳад. Дар ин қисмат таҷҳизот ва таъминоти барномавӣ аз ҷониби суратҳисоби махсуси донишгоҳ маблағгузорӣ менамояд. Ёдовар мешавем, ки дар таҳияи лоиҳаи мазкур платформаҳои электронии аслӣ истифода бурда мешаванд, баъд аз анҷоми иҷозатнома, донишгох аз ҳисоби маблағҳои махсус, дуввумбора онҳоро харидорӣ менамояд.

2. Дар бобати таҷрибаи қаблӣ оид ба устувор будани лоиҳа баъд аз анҷоми маблағгузорӣ, лоиҳаи Ҳизби коммунистии Ҷумҳурии халқии Чинро, ки 320 000,00 доллари ИМАғро ташкил медод, ёдовар мешавем. Лоиҳа дар асоси барномаи стратегии рушди донишгох, яъне компютеркунонии раванди таълим, таҳия гардида буд. Баъ аз анҷоми лоиҳа (солҳои 2014-2015) то ҳол донишгоҳ ҳамасола хариди теъдоди зиёди компютерҳои фардӣ, проекторҳо ва тахтаҳои электрониро ба роҳ мондааст.

3. Лоиҳаи мазкур ба донишгоҳ таъсири худро муддати дароз хоҳад расонд. Агар дар рафти лоиҳа НИТ таҳия гардад, ки ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ мебошад ва инчунин маҳорату малакаи таҳия супоришномаҳои тестии шакли нави пурмаҳсул баланд гарданд, контингенти омӯзгорону донишҷӯён метавонанд малакаву маҳорати низоми технологияи информатсиониро дар таълим хеле баланд бардоранд. Хатмкунандагон ин маҳорату

малакаҳоро барои фаъолияти касбии ояндаи худ ба пуррагӣ метавонанд истифода баранд.

Донишгоҳ ба нақша гирифта аст, ки баъд аз анҷоми лоиҳа, ҳар нимсола донишҷӯёни курси 1-ум ва кормандони ҷавонро бо НИТ шинос намуда, ба фазои технологияи информатсионӣ дар таълим ворид созад. Бинобар ин қисматҳои лоиҳа баъд аз анҷом устувор мебошанд.

**Ж. Рӯйхати ҳуҷҷатҳои лозима:**

1. Мактуби муассиса барои иштирок дар БГО;
2. Нусхаи шаҳодатнома оид ба бақайдгирӣ МТОК;
3. Нусхаи Иҷозатнома оид ба пешбурди таълим;
4. Ҳуҷҷати тасдиққунада оиди шарикӣ (мактуби дастгирӣ, ёддошти тафоҳум ва ғайра);
5. Буҷети лоиҳа (Замимаи 1);
6. Нақшаи татбиқи лоиҳа (Замимаи 2);
7. Нақшаи М ваА (Замимаи 3);
8. Маълумотнома (Замимаи 5).

**Номи муассиса:** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

**Роҳбари муассиса:** Ғаффорӣ Нуъмонҷон Усмонзода

**Имзо: ____________**

**Сана: _____________**